# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ)**

Солҳои охир муҳаққиқони соҳаи илмҳои педагогӣ, омӯзгорон ва методистҳо якдилона далели изтиробангез ва гӯё ки парадоксиро қайд мекунанд. Шавқу рағбат ба таълим аз синф то синф поён меравад, ки махсусан дар ҳудуди мактаби ибтидоӣ ва боло, тақрибан аз синфҳои 4 – 5 ба назар мерасад. Ба ин давра пастшавии кӯшишу ғайрати мактаббачагон ба омӯзиш хос мебошад, ки бо ҳузур нашудан ба дарс, поёнравии эътибори омӯзгорон ва ғайра зоҳир мешавад.

Ба андешаи муаллифи рисола сабабҳои ин падидаро ошкор намуда, психологҳо таъкид мекунанд, ки худ ба худ шавқ ба падидаву рӯйдоди олами атроф аз синф ба синф на танҳо хомӯш намешавад, балки инкишоф ёфта, бештар шиддат мегирад ва аз ҷиҳати мундариҷа мураккаб мешавад. Аммо чунин ба назар мерасад, ки ин шавқу рағбат дар мактаб ба тарви кофӣ қонеъ намегардад.

Мавзӯи интихобнамудаи Каҳорова С. Х. – ро яке аз мавзуҳои муҳим ва рӯзмарра ҳисобидан мумкин аст, зеро вай диққати мутафаккирони тамоми давраҳои таърихи рушди фарҳанги ҷаҳонро ҷалб кардааст. Бо суханони дигар, тамоюлҳои инкишофи шавқи маърифатӣ бо характери репродуктивӣ – фактологӣ, тавсифӣ – ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқотӣ – эҷодии фаъолияти маърифатӣ пурра ифода меёбанд. Раванди вокеии зоҳиршавӣ ва инкишофи шавқи маърифатӣ аз гузаришҳои мураккаби ҳамбастаи як марҳала ба дигараш иборат аст, вақте ки яке аз онҳо ба дигараш ворид шуда, гӯё аз он мерӯяд. Бо вуҷуди ин, дар ҳар лаҳзаи муайян омӯзгор метавонад сатҳи шавқи маърифатии хонанда;

сатҳи фактҳо ва зоҳиршавии фаъолияти репродуктивӣ; сатҳи ҷудокунии робитаҳои муайянкунанда ва кӯшиш барои амалисозии фаъолияти ҷустуҷӯиро, ки одатан хусусияти амалӣ дорад; ё сатҳи воридшавӣ ба робитаҳои сабабу натиҷаро бо мақсади ошкорсозии қонунияти муҳим ба қайд гирад ва тафриқа намояд.

Бинобар он диссертант дар рисола менависад, ки меъёри асосии мавҷудияти шавқи маърифатӣ дар хонандагон ин ба пайдоиши саволҳо дар раванди фаъолияти таълимӣ алоқаманд мебошад. Ҳатмӣ нест, ки ин саволҳо шифоҳӣ дода шаванд. Дар синну соли гуногун ва дар сатҳҳои гуногуни инкишоф ин нишонаи мавҷудияти шавқи маърифатӣ ба таври гуногун зоҳир мешавад. Бачагони синни томактабии кунҷков, мактаббачагони хурдсол бошанд, наздикону омӯзгоронро саволборон мекунад. Наврасон бештар бо китоб сару кор дошта, саволу ҷавобҳоро аз он меҷӯяд. Шахсони калонсолон (алалхусус олим – муҳаққиқ) саволҳоро ба худаш медиҳад, дар пешаш муаммои илмиро мегузорад ва онро тариқи озмоиш ё назария муайян мекунад»

Заруратн коркарди сохтор, мундариҷа, шаклу методҳои кори касбинтихобкунӣ дар раванди таълим аз он бармеояд, ки алҳол аксари омӯзгорон имкониятҳои зиёди фанни худро барои омодасозии хонандагон доир ба баланд бардоштани шавқи маърифатӣ дар байни хонандагон ба қадри кофӣ истифода намебаранд. Дар ҳоле ки маҳз ҳамин дарсҳо дар мактаб имкониятҳои зарурии ошкор намудан, ташаккул ва инкишоф додани сифатҳои муҳимтарини касбии шахсиятро дар ихтиёр доранд.

Қайд намудан зарур аст, ки диссертант Қаҳорова С. Х. бобҳо ва зербобҳои рисолаи таҳқиқотиро дар алоҳидагӣ, мухтасаран оварда, дар охир бо овардани нуқтаи назари худ ба тарзи илми ҷамъбаст намудааст.

Боис ба зикр аст, ки мундариҷаи асосии диссертатсия дар 5-мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин якчанд

мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос гардидааст.

Дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон автореферати мазкур таълиф шуда, таҳқиқоте, ки аз тарафи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна рӯйи кор омадааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, бахри рушд ва нумӯи илми педагогикаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Ҷоиз ба қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна тахти унвони «**Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Муқарриз номзади илмҳои
педагогӣ дотсент, мудири кафедраи
умумидонишкадавии фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии
Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Абдусамадова Мунира Абдуғафоровна

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд кучаи микроноҳияи 34-ум шаҳри Хуҷанд вилояти Суғд
E-mail: munirahon74@mail.ru

**Имзои М.А. Абдусамадова-ро**
тасдиқ менамоям:
Сардори ШК-и ДИДТТ Хоҷаева Гавҳар Ҳошимовна